## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Мусаллам аст, ки дар илми забоншиносии тоҷик баробари ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои мубрами шохаи фразеология то ҳол мушкилоте боқӣ мондаанд, ки ба таҳлилу баррасии саривақтӣ ниёз доранд. Ба ин ҷумла метавон пажуҳиши низоми маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикиро ворид намуд, ки то кунун ба таври мушаххас омӯхта нашудааст. Хосатан, меъёрҳое, ки дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ нақши асосӣ доранд, бояд имрӯз мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гиранд.

Мавриди зикр аст, ки то имрӯз нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ дар забони адабии муосири тоҷик ба таври мукаммалу шоиста мавриди таҳқиқу омӯзиши илмӣ қарор нагирифтаанд. Аз ин ҷост, ки таҳқиқоти мазкур вобаста ба ин мушкилот дар илми забоншиносии тоҷик нахустин кӯшиши арзишманди илмӣ буда, шоистаи таҳсин мебошад.

Навгониҳои илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешаванд, ки бори аввал мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ба сурати мушаххасу бунёдӣ таҳлили амиқ шуда, дар ин замина аввалин маротиба дар илми забоншиносии тоҷик истилоҳоти илмии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ пешниҳод карда мешаванд. Ҳамчунин, тафовути забонӣ миёни муболиға ва литота, тавсиф ва перифраза, мафҳуми аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, маънои забонӣ ва навъҳои он, таҳлили мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ва муқаррар намудани тобишҳои маъноии мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ дар он, таснифоти сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ нишон дода шудаанд.

Ҳадафи пажуҳиши мазкур аз баррасӣ ва тавсифи ҳамаҷонибаи муайян

намудани нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ иборат мебошад. Дар ин замина мавқеи муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя муайян карда шуда, хусусиятҳои сохториву маъноии ин навъи воҳидҳои фразеологӣ нишон дода мешавад.

Пайдарҳамии татбиқи ҳадаф ва вазифаҳо ба сохтори диссертатсия созгор буда, он аз муқаддима, 4 боб, 57 фаслу зерфасл, хулоса ва феҳристи осори илмиву бадеӣ иборат буда, 413 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифтааст.

Дар **муқаддима** муҳаққиқ муаррифии диссертатсияи худро ба асоснок кардани мубрамии мавзуи тадқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назарӣ, асосҳои методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқик, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба роҳ монда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқикро мушаххасан муқаррар менамояд.

Боби якуми диссертатсия **«Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар танзими маъноҳои воҳиди фразеологӣ»** унвон дошта, ба тавсифу таҳқиқи масъалаҳои аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, маънои забонӣ ва навъҳои он, маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ, маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, маънои образнок дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, маънои эҳсосотӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, маънои баҳодиҳӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, нақши маҷози забонӣ дар ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ бахшида шудааст. Дар боби мазкур, асосан, мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Муболиға ва истиора дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ»** ном дорад. Масъалаҳои асосии матраҳшудаи боби дуюмро муболиға ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, ибора ва

ҷумлаҳои фразеологии феълии муболиғавӣ, хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, ифодаи маъноҳои мафҳумию образнок, баҳодиҳӣ ва эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, идиомаҳои муболиғавӣ, фраземаҳои муболиғавӣ, истиора ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии истиоравӣ, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои фразеологии истиоравӣ, хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ, ифодаи маънои мафҳумӣ, образнок ва эҳсосотию баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ва гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ ташкил медиҳад. Дар ин боб диссертант аз осори бадеӣ мисолҳои фаровон оварда, андешаҳои илмии худро вобаста ба мавзуъ тасдиқ менамояд.

Боби сеюми диссертатсия **«Ташбеҳ дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ»** номгузорӣ шудааст. Дар ин боб муҳаққиқ масъалаҳои ташбеҳ ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, нишонаҳои забонии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, нишонаҳои асосии фарққунандаи воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, нишонаҳои иловагии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, ифодаи образҳои мардумӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ, ифодаи маъноҳои мафҳумӣ, образнок ва баҳодиҳиву эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ, идиома ва фраземаҳои ташбеҳиро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби чоруми диссертатсия **«Тавсиф ва киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ»** унвон дорад. Дар он ба масъалаҳои тавсифу киноя ҳамчун воситаҳои тасвири бадеӣ, нақши онҳо дар созмони воҳидҳои фразеологӣ ва вижагиҳои сохториву маъноии ин гуна воҳидҳои фразеологӣ таваҷҷуҳ шудааст. Ҳамчунин, масъалаҳои тавсиф ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохтории ибораҳои фразеологии тавсифӣ, хусусиятҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ, ифодаи маънои мафҳумӣ ва мафҳумию образнок дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ, ифодаи маънои эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ, фраземаҳои тавсифӣ, киноя ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, вижагиҳои сохторӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ низ мавриди таҳлили амиқи

илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар **хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар 28 банди ҷамъбастшуда хеле дақиқу равшан оварда шудаанд, ки чунин муносибат аз дақиқияти заҳмати илмии муҳаққиқ дарак медиҳад.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)», ки аз ҷониби Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа омода шудааст, пеш аз ҳама, барои ҳалли масъалаҳои нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ, ҳамчунин нишон додани мавқеи муболиға, истиора, ташбеҳ, тавсиф ва киноя, ки дар мундариҷаи воҳидҳои рехта ба тавассути маҷози забонӣ ифода меёбанд, муфид буда, ҷиҳати омӯзиши хусусиятҳои сохториву маъноии ин навъи воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ арзишманд аст.

Маводи диссертатсия метавонад барои таҳияи рисолаҳои магистриву номзадӣ ва докторӣ, инчунин, таълифи фарҳангҳои тафсирию фразеологӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз фанҳои фразеология, луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва сарфу наҳв дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода шавад.

Муҳаққиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 1 монография ва 33 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст. Аз ин шумора 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 15 мақола дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ чоп шудаанд, ки онҳо мавзуъ, масъалаҳо, мундариҷа ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқро инъикос менамоянд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натаҷаи меҳнати чандинсола ба мақсади ниҳоии худ даст ёфтааст. Ӯ тавонистааст, ки дар таҳқиқи диссертатсионии худ боз як паҳлуи норушани воҳидҳои фразеологиро рӯйи об барорад. Таҳлилу муҳокима ва натиҷагирии муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошанд. Дар баробари муваффақиятҳои бадастомада дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо мушоҳида гардиданд, ки ислоҳи онҳоро ба манфати кор медонем:

1. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ зимни овардани андешаҳои муҳаққиқони соҳа

ба таҳқиқоти олимони тоҷик таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамуд.

2. Ба андешаи мо, фасли 4-уми боби 4-и диссертатсия бояд ба ду зерфасл ҷудо карда мешуд. Зеро ибораҳои фразеологии киноявӣ ва ҷумлаҳои фразеологии киноявӣ мавзуи баҳси худро дошта, доманаи фарроҳи омӯзиш доранд.

3. Фишурда аз ғалатҳои имлоиву китобат ва техникӣ орӣ нест (саҳ. 3, 4, 6, 7, 8, 16, 23, 23, 29).

Мавриди зикр аст, ки камбудиву нуқсонҳои зикршуда характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии автoрефератро намекоҳонанд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» пажуҳиши муҳимми саривақтӣ дар илми фразеологияи тоҷик маҳсуб ёфта, сохтору муҳтавои илмии он ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Вобаста ба афзалиятҳои зикршуда муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор ва арзанда мебошад.

Муқарриз, д.и.ф., профессор, мудири
кафедраи забоншиносӣ ва таърихи
забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Алимӣ Ҷ.

Имзои д.и.ф., профессор Алимӣ Ҷ.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
E-mail: alimi-62@mail.ru
Телефон: (+992) 918-11-26-62

«15» «январи» 2024